# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ ҚАБУЛ КАРДАНИ ҚИСМИ ЯКУМИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Моддаи 1. Қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад.

Моддаи 2. Аз 1 январи соли 2000 аз эътибор соқит дониста шаванд:

- фасли якум "Қоидаҳои умуми", фасли дуюм "Ҳуқуқи моликият", зерфасли 1 "Қоидаҳои умуми дар бораи ӯҳдадориҳо"-и фасли сеюми "Ҳуқуқи ӯҳдадори"-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1963 "Дар бораи тасдиқ кардани Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мувофиқи онҳо ба фаслҳои ишорашудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1996 "Дар бораи моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1996, №24, моддаи 412);

- Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1996 ,Оиди мавриди амал қарор додани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1996, № 24, моддаи 413);

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 1991 "Дар бораи фаъолияти соҳибкори дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1992, № 4, моддаи 37) ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мувофиқи онҳо ба ин Қонун тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд;

- Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 1991 "Дар хусуси амали гардонидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти соҳибкори дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1992, № 4, моддаи 38);

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1993 "Дар бораи корхонаҳо" (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1993, № 14, моддаи 279) ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мувофиқи онҳо ба ин ин Қонун тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд;

- Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1993 "Дар хусуси ба мавқеи иҷро гузоштани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи корхонаҳо" (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1993, № 14, моддаи 280).

Моддаи 3. То мутобиқ гардонидани қонунҳо ва дигар асноди ҳуқуқии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда бо қисми якуми Кодекси граждани, қонунҳо ва дигар асноди хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон то даме истифода бурда мешаванд, ки онҳо хилофи қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон набошанд.

Моддаи 4. Қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқи граждани, ки баъди мавриди амал қарор додани он ба вуҷуд омадааст, истифода бурда мешавад.

Аз рӯи муносибатҳои ҳуқуқи граждани, ки то мавриди амал қарор додани он ба вуҷуд омадааст, қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба он ҳуқуқ ва вазифаҳо истифода бурда мешавад, ки онҳо баъди мавриди амал қарор додани он ба вуҷуд меоянд.

Моддаи 5. Аз рӯзи мавриди амал қарор додани қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои тиҷорати танҳо дар он шаклҳои ташкили-ҳуқуқи таъсис ёфта метавонанд, ки барои онҳо Кодекси мазкур пешбини намудааст.

Таъсиси ашхоси ҳуқуқи баъди интишори расмии қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартибе, ки ҳамин Кодекс пешбини намудааст, амали мегардад.

Моддаи 6. Асноди таъсисии корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият бояд то 1 июли соли 2000 бо меъёрҳои қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шаванд.

Корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият аз пардохти боҷи бақайдгири дар мавриди қайди тағйироти мақоми ҳуқуқии онҳо вобаста ба мутобиқ гардонидани он бо меъёрҳои қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда мешаванд.

Моддаи 7. То мавриди амал қарор додани қонун дар бораи бақайдгирии ашхоси ҳуқуқи ва қонун дар бораи бақайдгирии ҳуқуқҳо ба амволи ғайриманқул ва аҳдҳо бо онҳо тартиби амалкунандаи бақайдгирии ашхоси ҳуқуқи ва бақайдгирии амволи ғайриманқул ва аҳдҳо бо онҳо истифода бурда мешавад.

Моддаи 8. Меъёрҳои Кодекс дар бораи асосҳо ва оқибатҳои ғайривоқеи будани аҳдҳо нисбат ба аҳдҳое татбиқ мегарданд, ки талабот дар бораи беэътибор донистан ва беэътибор будани оқибатҳои онҳоро суд сарфи назар аз вақти содир шудани аҳдҳои дахлдор, баъди 1 январи соли 2000 барраси менамояд.

Моддаи 9. Мӯҳлати бо қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршудаи мӯҳлати даъво нисбат ба он даъвоҳое татбиқ мегарданд, ки мӯҳлати изҳори онҳо, ки бо қонунгузории қаблан амалкунанда пешбини шудааст, то 1 январи соли 2000 ба охир нарасидаанд.

Моддаи 10. Хусусияти таъсис ва фаъолияти кооперативҳои кишоварзи (истеҳсоли, коркард, хизматгузори истеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ) бо Қонун дар бораи кооператсияи кишоварзи муайян карда мешаванд.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмонов

ш.Душанбе

30 июни соли 1999 № 802